# Tajik A: literature – Standard level – Paper 1
# Tadjik A : littérature – Niveau moyen – Épreuve 1
# Tayiko A: literatura – Nivel medio – Prueba 1

Wednesday 4 May 2016 (afternoon)
Mercredi 4 mai 2016 (après-midi)
Miércoles 4 de mayo de 2016 (tarde)

1 hour 30 minutes / 1 heure 30 minutes / 1 hora 30 minutos

---

### Instructions to candidates

- Do not open this examination paper until instructed to do so.
- Write a guided literary analysis on one passage only. In your answer you must address both of the guiding questions provided.
- The maximum mark for this examination paper is **[20 marks]**.

### Instructions destinées aux candidats

- N’ouvrez pas cette épreuve avant d’y être autorisé(e).
- Rédigez une analyse littéraire dirigée d’un seul des passages. Les deux questions d’orientation fournies doivent être traitées dans votre réponse.
- Le nombre maximum de points pour cette épreuve d’examen est de **[20 points]**.

### Instrucciones para los alumnos

- No abra esta prueba hasta que se lo autoricen.
- Escriba un análisis literario guiado sobre un solo pasaje. Debe abordar las dos preguntas de orientación en su respuesta.
- La puntuación máxima para esta prueba de examen es **[20 puntos]**.



2216 – 0651

© International Baccalaureate Organization 2016

https://xtremepape.rs/

Аз ду порчаи зерин **танҳо якеро** интихоб намуда, онро таҳлили адабӣ намоед. Шумо бояд ба ҳар ду саволи дар поён овардашуда ҷавоб нависед.

**1.**

…Мунавваршоҳ ба навохтан шурӯъ кард. Имшаб аз зери мизроби ӯ савти ҳазине берун меомад. Оҳанги навохтаистодаи ӯ ошкоро аз алами ҷудой, аз сӯзу гудози ошиқ ҳикоят мекард.

Саид Амон ҳунарнамоии мутрибони мумтозро борҳо дида ва шунида буд. Ҳоло радио, театр ва телевизион осори ҳар як ҳунарпешаро аз шуҳрат пайдо кардани ӯ дере нагузашта, дастраси халқ мегардонад. Чӣ ҷои сухан, ки аз санъати устодони ин соҳа ҳама баҳрамananд.

Бо вуҷуди он олими ҷавон то ҳоло навозандаеро надидааст, ки як оҳанги оддиро бо изтироб ва ҳарорати дили худ ба ин дараҷа гарм ва рангин карда бошад. Аз таъсири наво дар сари ӯ ногоҳ чунин хулосае пайдо шуд, ки гӯё Мунавваршоҳ дар зиндагии худ шитоб мекунад, гӯё ба худ аҳд кардааст, ки дарьёи пуртӯғьёни ҳиссиёташро ҳар чи зӯдтар аз сари торҳои созаш ба самъи шунавандагон фурӯ резад ва ба ин васила кадом як қарзеро ҳар чи зӯдтар адо намояд…

Мавҷҳои латифи савти мавзун тамоми ҳастии Саид Амонро фаро гирифтанд. Вай ҳис мекард, ки гӯё ба як ҷисми ниҳоят сабуке мубаддал шудааст ва ҳамроҳи рӯҳи ба риққат омадааш мисли насими саҳаргоҳон нозук тапида, ба ким-куҷое, ба саёҳати ниҳоят гуворои олами ношиносе меравад.

Агар ин одам бе сухан, фақат бо забони торҳои симин аз дуньёи эҳсосоташ ба ин тариқа равшану дилпа зир ҳикоят карда тавонад, пас, вай одами оддӣ нест. Вай, бешубҳа, эъҷозкор аст. Кӣ дидаасту кӣ шунидааст, ки дар ягон ҷой касе ҳӯшу ёди аҳли як деҳаро, бигузор он деҳаи бузург набошад, бо таронаҳои сози худ тасхир карда бошад? Ва ин ҳодиса як бор не, мувофиқи нақли одамон, чандин сол инҷониб дар рӯзи хушҳавое ки иқлими сернози кӯҳистон ҳадья мекунад, такрор мешавад…

— Ма, меҳмон, чой бинӯш.

— Бародар, илтимос мекунам, бигӯед, чаро ӯ ҳар рӯз менавозад? Мебахшед… Ман гуфтанӣ ҳастам ки дар ин кирдори ӯ чӣ сирре ҳаст?

— Сирр? Сирре нест. Вай ошиқ асту вассалом.

— Ошиқи кист? Охир, ӯро панҷоҳудусола мегӯянд-ку! Магар зан надорад?

— Надорад.

— Пас ошиқи кист?

— Ошиқи занаш.

Мизбон тааҷҷуби меҳмонро дида, табассумкунон гуфт:

— Э, меҳмон-бародар, ин қисса дароз аст. Ту беҳтараш аз худи Мунаввар пурс. Вай кемарон аст.

— Магар дар ин ҷоҳо байни ду сарҳад кема рафтуо мекунад?

— Байни ду сарҳад не. Дар хоки худамон. Ту ба Хоруғ рафтай?

— Ҳа.

— Бо ҳамин роҳ?

— Не, бо самолёт.

— Пас надидай. Ту бо роҳи мошин боло бирав. Пас аз масофае мебинӣ, ки наҳре аз дарае баромада, ба Панҷ мерезад. Кемаи Мунавваршоҳ одаму мошинҳоро аз ҳамон наҳр мегузаронад.

Марди малламӯй ба боло, ба айвони ҳанӯз аз чароғ мунаввари мутриб даме чашм дӯхта, сокит нишаст.

https://xtremepape.rs/

— Шумо дигар чизе намегӯед?

— Ту, меҳмон-бародар, олимӣ. Худат дарьёб. Қаҳрат наояд, ту зарбулмасалу мақолҳои тайёрро ҷамъ карда, ба кори осон одат кардай. Рост-дия, қаҳрат наояд.

— Рост,—гуфт Саид Амон беихтиёр хандида.

— Гуш кун, меҳмон, Ҳилолӣ чӣ гӯфтааст:

Хар кӣ май ишқро ба ҷомаш карданд,
Аз дурии дард талхкомаш карданд.
Гӯё ҳамаи дарди чаҳон дар як ҷо,
Ҷамъ омада буд, ишқ номаш карданд.

Мизбон лаҳзае таваққуф карда, байти дуюми рубоиро такрор намуд, баъд гуфт:

— Вакте ки бо Мунавваршоҳ рӯ ба рӯ мешавӣ, ҳамин шеър дар ёдат бошад. Хайр, акнун мехобем. Хоҳӣ дар дамин ҷо, дар хонаи ман бимон.

Меҳмон хайрухуш карда, ба ҷои хуфтухоби худ баргашт.

Фазлиддин Муҳаммадиев, *Ҳикояҳо* (1990)

(a) Бо кадом усул нависанда мавзуъи марказии ин порчаро баррасӣ мекунад?

(b) Назари худро оиди забон ва услубҳои адабӣ, ки нависанда барои тасвири таасуррoти Сайид Амон аз навохтани мутриб истифода кардааст, иброз намоед.



https://xtremepape.rs/

**2.**

**Аҳмад Турдиев**

Ба рағми марг дар хонаи мо – «Хонаи Павлов»
тифле таваллуд шуд. Ҳама ӯро Зина ман Зиндагӣ
номидам.

Замин оташ
Ва дарёи дамон оташ,
Ба рӯи об ҳамчун мавҷи хунине равон оташ,
Ба ҳар хона ба ҷои ошдон дар остон оташ,
Ба ҷои гул
Ба боғу бӯстон оташ.

Самои дудаолуда
Ба Қӯрғони Мамай ларзону овезон,
Садои тӯпҳо чун хандаи шайтон,
Миёни наъраҳои тӯп ояд гиряи тифлон…

Худоро об месӯзад,
Рухи маҳтоб месӯзад,
Туфанг аз тоб месӯзад
Ва мӯй модари бетоб месӯзад!

Сафи тайёраҳо бори бало бар дӯш меояд,
Зи таҳхона нидои зиндагӣ бар гӯш меояд,
Садои тифли навзод ончунон пурҷӯш меояд,
Ки аз фарёди ӯ тайёраҳо хомӯш меояд.

Магар дарди замину модари бечора як ҷо шуд,
Ба як фарёд берун гашт,
равшан чашми шаҳло шуд,

Зи нав таскини дилҳо шуд,
Зи нав тамкини дунё шуд,
Ки тухми зиндагонӣ аз ниҳоди хок боло шуд.

Миёни ҷангҳо аз ёд бурдам меҳрубониро,
Шудам устод дарси ҷонфишонӣ, ҷонситониро,
Ба ман овард бӯи тифл бӯи зиндагониро,
Ҷавониро, ҷавониро…

Заминро хандарӯ аз гиряи тифлона мебинам.
Зи рӯи дӯстонам хандаи тифлона мечинам
Ва ободии фардоро дар ин вайрона мебинам,
Заминро ташналаб аз васли обу дона мебинам.

Туро дар ин садои тоза бишнидам, Ҳисори ман,
Туро аз дур ҳамчун равшанӣ дидам, нигори ман,
Сари гаҳвораи фарзанди ишқи беғубори ман
Ту шабҳо зинда медорӣ чароғи рӯзгори ман.

https://xtremepape.rs/

Дар ин ҷо лек ҷои шамъсӯзӣ, худфурӯзӣ нест,
Шаби оташгирифта камтар аз рӯзи тамузӣ нест,
Ба ҷои шамъ ин ҷо қомати шамшод месӯзад,
Ва ин оташ маро то решаю бунёд месӯзад.

Дар ин ҷо бист ёронем, ба як паймону имонем,
Замин гаҳвораи тифл асту мо гаҳвораҷунбонем,
Гаҳе бо шеър, гаҳ бо тир ӯро алла мехонем,
Наафтад то ки як мӯяш, сари як мӯй ларзонем.

Дар ин хона, ки ҳоло чордевори валангор аст,
Ба чашми хасм гӯё зиндагӣ маҳруми такрор аст,
Вале аз ишқ осор аст,
Бузургии ҷаҳон дар ин ҷаҳони хурд подор аст.

Ҷаҳони додхоҳу додвар бо мост ҳамхона,
Агар ин хона афтад, мешавад сад хона вайрона,
Туро, эй тифли фарзона,
Ба мисли ҷони ин хона
Намоям ҳифз бо дастону бо дастури мардона!

Мӯъмин Қаноат, *Суруши Сталинград* (1982)

(a) Шарх дихед ки бо кадом рох ва то чи андоза шоир забон ва санъатҳои бадеиро барои муарифии хушунати ҷанг истифода мебарад.

(b) Дар бораи роҳе ки бо он шоир мавзӯъҳои марказии шеъзрро ифода менамояд чӣ метавонед гуфт?

https://xtremepape.rs/